Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
(734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ ва тарҷума (бар мабнои романи Густав Флобер «Хонум Боварӣ») барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар забони тоҷикӣ ва фаронсавӣ яке аз мавзуҳои умда дар забоншиносӣ ба ҳисоб меравад ва диссертант **Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович** таркиби вожаҳои бемуодилро аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ, ки дар қолаби муайян дар тӯли асрҳо шакл гирифта, мазмуну тобишҳои маъноии дорои обуранги бадеиро ифода мекунанд дар асоси тарҷумаи романи Густав Флобер “Хонум Боварӣ” ба риштаи пажӯҳиш кашидааст.

Диссертатсияи мазкур фарогири мудаддима, 3 боб, хулосаву феҳристи адабиёт, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, замима ва дар умум 184 саҳифаи чопи комютерӣ иборат мебошад.

**Мубрамии мавзуи** диссертатсияи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои олам, алалхусус, кишварҳои фаронсавизабон вусъат меёбанд ва муоширати касбӣ миёни соҳибзабонони тоҷик ва кишвари Фаронса ба таъминоти забонӣ ниёз дорад. Гузашта аз ин, таҳқиқоти кунунии забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забонҳои хориҷӣ то ба ҳол бештар дар мисоли забонҳои русиву англисӣ ва ғайра сурат гирифтааст ва шумораи таҳқиқоти масъалаҳои тоҷикӣ-фаронсавӣ ночиз аст, ҳол он ки ҳар ду забон таърихи тулонӣ ва хусусияти хоси забониву фарҳангӣ дошта, аз лиҳози муқоиса ва баррасии масъалаҳои тарҷума ба таваҷҷуҳи хоси мутахассисон ниёз доранд.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуъ.** Дар забоншиносии тоҷик олимони забоншиносеро номбар кардан мумкин аст, ки ба таҳқиқи як идда вожаҳои бемуодили забон пажӯҳиш анҷом додаанд: Ғ.Ҷӯраев, (масъалаҳои лексикаи забони тоҷикӣ, аз ҷумла лексикаи лаҳҷавӣ), Ш.Рустамов, Б.Камолиддинов (масъалаҳои грамматикаи забони тоҷикӣ, аз ҷумла морфология), В.Асрорӣ, Ш.Фозилов, Б.Тилавов, Ҳ.Маҷидов ва ғайра (зарбулмасал ва мақолҳо ва воҳидҳои фразеологӣ). Дар раванди омӯзиши вожаҳои бемуодили забони тоҷикӣ нисбат ба забонҳои

мушаххаси хориҷӣ асарҳои илмии забоншиносони тоҷики болозикр ва дигарон аҳамияти беандоза доранд.

Масъалаҳои омӯзиши махсуси вожаҳои бемуодили забон яке аз мушкилоти мубрами илми муосири забоншиносиро ташкил менамоянд ва таҳқиқу омӯзиши онҳо тақрибан сад сол пеш оғоз гардидааст. Аз ин нуқтаи назар саҳми олимони забоншинос ва тарҷумашиноси рус назаррас аст. Олимон Г.В. Чернов, Г.В. Шатков, Л.Н. Соболев, А.В. Фёдоров яке аз аввалинҳо шуда ба пажуҳиши вожаҳои бемуодил пардохтаанд, ки олимони минбаъда ба монанди Я.И. Ретскер, И.И. Ревзин, Г.Д. Томахин, С.Влахов, С.Флорин, А.Иванов, А.К.Гатилова ва ғайра ин анъанаро идома додаанд.

Тарҷумаи вожаҳои бемуодил аз як забон ба забони дигар яке аз масъалаҳои мубрами тарҷумашиносии муосир ба шумор меравад. Корҳои анҷомдодаи олимони рус ба монанди Л.С. Бархударов, Е.М. Верешагин, В.Г. Костомаров, А.О. Иванов ва олимони Ғарб П.Нюмарк, Д.Робинсон, Л.Милдред, Ларсон, Ю. Найда ва дигарон ҷолиби диққатанд. Қайд намудани саҳми назарраси тарҷумашиносони тоҷик дар пажуҳиш ва омӯзиши масъалаҳои тарҷума, аз ҷумла вожаҳои бемуодил, ба мақсад мувофиқ аст, чунончи Э. Мулоқандов, Ҳ. Аҳрорӣ, Ш. Мухтор, А.Мамадназаров, Ф.Турсунов ва дигарон.

**Навоварии илмии** рисола дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар асоси романи Густав Флобер «Хонум Боварӣ» ва тарҷума он мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад. Кори таҳқиқотии мазкур дар раванди ғанигардонии маълумоти назариявӣ оид ба тарҷумаи вожаҳои бемуодил ва омӯзиши забонҳо саҳми арзанда хоҳад гузошт. Бояд қайд намуд, ки тавсияҳои муаллифи диссертатсия мантиқӣ буда, ба соҳаҳои мушаххаси забоншиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ равона гардидаанд.

Масъалаҳои таҳлили муқоисавӣ ва тарҷумаи вожаҳои бемуодил аз забони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ бо ҷалби маводи англисӣ дар мисоли асари бадеӣ бори аввал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Кори таҳқиқотии мазкур дар раванди ғанигардонии маълумоти назариявӣ оид ба тарҷумаи вожаҳои бемуодил ва омӯзиши забонҳо саҳми арзанда хоҳад гузошт. Ҳамчунин, моҳияти тарҷумаи реалияҳо, экзотизмҳои сохторӣ, воҳидҳои фразеологӣ ва нидо дар забонҳои муқоисашаванда ошкор гардидааст. Бори аввал вижагиҳои тарҷумаи воҳидҳои лексикӣ, фразеологӣ ва грамматикии бемуодил дар мисоли матни асари бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ нишон дода шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки тарзу воситаҳои хоси таҳқиқи муқоисавии мавзуи мазкур метавонад дар раванди омӯзиши бахши луғат ва дастури забонҳо ҳамчун маводи муфиди амалӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мавриди истифода қарор гиранд. Аҳамияти амалии таҳқиқ боз ҳам дар он аст, ки қолабҳову намунаҳои таҳлил метавонад ҳангоми таҳқиқи воҳидҳои монанд дар мисоли забонҳои дигар, таҳияи дастурҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ низ мавриди истифодаи амалӣ қарор гиранд.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, 3 боб, хулоса, феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст. Дар муқаддима муаллифи рисола дар бораи муҳимияти мавзӯъ, ҳадафҳои дар пеш гузоштааш, дараҷаи омӯзиш, манбаи таҳқиқ, мақсаду маром, усули таҳқиқ, навигарии илмӣ, моҳияту арзиши назарию амалии мавзуъ изҳори назар кардааст.

Муалифи диссертатсия **Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович** дар таҳқиқи мавзуъ асосан ба таълифоти асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ такя кардааст. Рисола, тавре худи муаллиф таъкид намудааст, дар асоси маводи фаровони осори илмӣ ва инчунин дар асоси тарҷумаи романи Густав Флобер ба забони тоҷикӣ, таълиф шудааст.

Дар таҳқиқи мавзуъ нигоранда аз усули таҳқиқотии таҳлили семантикӣ ва таҳлили муқоисавӣ истифода бурдааст ва бо ин усул вожаҳои бемуодилро ошкор намудааст.

**Боби аввали диссертатсия** (с.15-39) **«Асосҳои назариявии таҳқиқоти вожаҳои бемуодил дар забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ»** ном дошта, дар ин боб ва се фасли он дар бораи вожаҳои бемуодил маълумоти мухтасари назариявӣ дода шудааст ва инчунин дараҷаи омӯзиши вожаҳои бемуодил дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф дар ин боб роҷеъ ба андешаҳои забоншиносону муҳаққиқони соҳаи назарияи тарҷума ва забоншиносии муқоисавӣ таҳқиқот гузаронда, мусоидат намудани ҷанбаҳои тарҷумавӣ ва муқоисавии воҳидҳои забонӣ дар матнҳои забонҳои гуногун ва самаранокии раванди мазкурро пешниҳод кардааст.

**Боби дуюми рисола** (с.40-84) **"Таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар фазои забон ва фарҳанги фаронсавӣ ва тоҷикӣ"** унвон дошта, дар ин боб тавсифи муқоисавии реалияҳо дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ, реалиҳои этнографӣ, реалиҳои ономастикӣ, реалияҳои сиёсӣ, экзотизмҳо ва воҳидҳои фразеологӣ ва ихтисораҳо мавриди пажӯҳиш қарор мегиранд, ки диссертант доир ба ин зерфаслҳо

бобати тасдиқи андешаи хеш аз осори адабию бадеӣ ва тарҷумаҳои суратёфта мисолҳои амиқ ва дақиқ овардааст.

Ҳамзамон дар ин боб, тавре зикраш рафт, фарогири таҳлил ва муқоисаи воҳидҳои фразеологӣ дар тарҷумаи тарҷумонон аз фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ ва вижагиҳои тарҷума мавриди таҳлили забонӣ қарор гирифтааст.

Дар рисола воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалҳо хубу фаҳмо ва муродифоти онҳо дар забони тоҷикӣ дуруст баргардон шудаанд, ки мо чанде аз онҳоро мисол меоварем: *ces sont des promesses en lair-доманро аз чормағзи пуч пур кардан; beaucoup de bruit pour rien –ғавғои хушку холӣ; etre comme un coq en pate-гули сари сабад будан. Il faut battre le fer tandis qu'il est chaud. Оҳанро дар гармиаш мекубанд.*

**Боби сеюми диссертатсия** (с.85-150) **"Ҳусни тарҷумаи вожаҳои бемуодил аз забони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ дар мисоли романи Густав Флобер "Madame Bovary"–"Хонум Боварӣ" бо ҷалби маводди забони англисӣ"** буда, дар ин қисмат муаллифи рисола бобати тарҷумаи вожаҳои бемуодил фикру мулоҳиза меронад.

Корбурди ҳамаи турзу усулҳои интиқол ё таҳвили воҳидҳои луғавии бемуодили забон ба саҳеҳии тарҷумаи матн аз як забон ба забони дигар равона карда шудааст. Дарёфт намудани ӯсулҳои мувофиқ ва тарҷумаи воҳидҳои бемуодил бо истифода аз роҳҳои мавҷуда мақсади асосӣ ба шумор меравад, ки диссертант ба он муваффақ шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар 13 банд ҷамъбаст намудааст, ки аз аҳамияти назарӣ ва амалӣ бархурдоранд.

Ба андешаи мо, гузориши масъалаи мавриди таҳқиқ, яъне таҳқиқи таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ дар асоси романи Густав Флобер "Хонум Боварӣ" ва тавсифи реалияҳову вижагиҳои ибораҳои рехта ва услуҳои тарҷумаи воҳидҳои бемуодил аз дастовардҳои муҳимми соҳиби диссертатсия маҳсуб ёфта, барои таҳқиқи дигар гурӯҳ ё шохаи забоншиносии минтақа дар оянда роҳ ҳамвор хоҳад шуд.

Кори диссертатсионии Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович мувофиқ ба талабот (стандарт) –ҳои нави илмӣ таҳия гардида, дар он тарзи овардани иқтибос, таҳияи бобу фасл ва зерфаслҳо, хулосаву рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима сурат гирифтааст, ки ба мазмун ва моҳияти дисертатсия арзиши дигар зам мекунад. Ҳамчунин ин тарзи таҳияи рисола барои корҳои илмию таҳқиқотӣ дар оянда метавонад чун роҳнамо хидмат намояд.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар тавассути 8 мақолаи илмӣ сурат гирифта, 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва 4-тои дигар дар маҷмуаи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба чоп расондаи муаллифи рисола мебошанд. Мақолаҳо ба мавзуи таҳқиқшаванда мутобиқ буда, мундариҷаи кори илмии бaанҷомрасидаро инъикос менамоянд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи рисола хеле муфиданд:

1. Дар рисола тарҷумаи номи баъзе асархо ва шарҳ додани баъзе ғизову анвои хурданӣ ба забони фаронсавӣ ба шакли дуруст тарҷума нашудаанд. Масалан, дар саҳ. 36 номи асари Густав Флобер Zoroastre – Зороастр омадааст, ҳол он ки “Зардушт” тарҷума кардан мумкин аст ва дар саҳифаи 49 шарҳи калимаи “шакароб” ва дар саҳ 52 “гаҳворабандон” дар забони фаронсавӣ нодуруст сурат гирифтааст.
2. Дар рӯйхати адабиёти истифодашуда, номи муаллифи романи “Хонум Боварӣ” Густав Флобер дар забони тоҷикӣ вуҷуд надорад.
3. Дар аксарияти саҳифаҳои зербоби 3.2. номгӯйи адабиёт дар дохили қавси мукаррарӣ омадааст.
4. Задаи забони фаронсавӣ дар баъзе калимаҳо гузошта нашудааст. Аз ҷумла саҳ 76,78, 80 ва ғайраҳо.
5. Зербоби 1-уми боби 3-юм дар дохили рисола рақамгузорӣ нашудааст.
6. Дар рисола хатогиҳои услубию имлоӣ ба назар мерасанд, вале манзалати онро коста намегардонанд.

Дар маҷмуъ, камбудиву норасоиҳои номбаршуда аҳамияти илмии таҳқиқи мазкурро халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо ҷанбаи фаннӣ - тавсиявӣ дошта, ислоҳпазиранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Диссертатсияи номбурда таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ барои илми забоншиносии тоҷик маводи зарурӣ маҳсуб меёбад, ки кори таҳқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои илмии минбаъда, таълифи осору мақолот ва таҳияи фарҳангҳои тафсирию соҳавӣ, барои таҳияи асарҳои монографӣ, навиштани китобҳо ва дастурҳои таълимӣ доир ба вожашиносӣ, услубшиносӣ, тарҷумашиносӣ, хондани курсу семинарҳои махсус ва тартиб додани луғатҳои фразеологӣ ҳамчун роҳнамои хубе шуда метавонад.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович кори анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Аз раёсату аъзои Шурои диссертатсионии 6D КОА –036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода хоҳиш карда мешавад, ки кори таҳқиқотии мазкурро ҷонибдорӣ намоянд.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии
факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ Ҷумаев Т. Б.

Имзои дотсент Т. Ҷумаевро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Э. Тавқиев

Суроғаи муқарризи расмӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, ДМТ
тел: 931241444
email: dopemuhammad@yahoo.com

«11» декабри соли 2023